# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

## шурои диссертатсионии 6D.КОА-059 назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсияи Тоирзода Сухроб Тоир дар мавзуи «Арзёбии хосиятҳои физикию механикии массивҳои атрофи нақбҳои гидротехникии истифодашавандаи баландфишор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руйи ихтисоси 6D074400 – Сохтмони гидротехникӣ ва иншоот (6D074401 – Сохтмони гидротехникӣ)

Комиссияи экспертӣ, ки бо қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-059 назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (протоколи № 4-2 аз 12 феврали соли 2026) таъсис дода шудааст, дар ҳайати зерин: раис – доктори илмҳои техникӣ, дотсент, Ҳасанзода Нуралӣ Мамед ва аъзоён – доктори имлҳои техникӣ, профессор Сафаров М.М. ва номзади илмҳои техникӣ Яқубов А.О. хулосаи зеринро пешниҳод менамояд:

**Мутобиқати мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисос ва соҳаи илми 6D074400 – Сохтмони гидротехникӣ ва иншоот (6D074401 – Сохтмони гидротехникӣ)**

То марҳилаи муайяни тараққиёти иншооти гидротехникӣ диққати асосии лоиҳакашон ва бинокорон ба омӯхтани маводе, ки аз онҳо объектҳои муҳандисӣ бунёд карда мешаванд, равона карда мешуд. Ин амал то он лаҳзае раҳандозӣ мешуд, ки ба муҳити ҷойгиркунии онҳо аҳамияти дуввумдараҷа дода шавад.

Дар як вақт, сарбориҳои муосири техногенӣ ба массаҳои ҷинсҳои кӯҳӣ ба дараҷае расидаанд, ки онҳо аксар вақт равандҳо ва падидаҳои шаклдигаркуниро дар ҷинсҳо ба вуҷуд меоранд, ки барои иншоот ва муҳити зист хатарноканд. Бе пешгӯии ин оқибатҳо ва пешгирӣ намудани онҳо тараққиёти минбаъдаи гидротехникаи калон имконнопазир аст.

Такмил додани усулҳои мавҷудаи омӯзиши ҷинсҳои кӯҳӣ ва пеш аз ҳама омӯхтани хосиятҳои физикию механикии ҷинсҳо дар шароити хобиши табиии онҳо вазифаи таъхирнопазир ва муҳим мебошад.

Аз тарафи докторанти (PhD) мавзуи интихобгардида бо назардошти аҳамияти стратегӣ доштани НБО-и Роғун аҳамияти калони илмӣ-амалӣ дошта, дар пешрафти иқтисодиёти кишвар, инчунин ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ мақоми махсусро касб менамояд.

Омӯзиши натиҷаҳои таҳқиқот вобаста ба хосиятҳои физикию механикии массивҳои атрофи нақбҳои гидротехникии истифодашавандаи баландфишор нишон медиҳанд, ки масъалаҳои арзиёбии хосиятҳои физикию механикии масивҳои атрофи нақбҳои гидротехникии истифодашавандаи баландфишор дар мисоли НС-1 ва НС-2-и НБО-и Роғун ба таври кофӣ дар кори диссертатсионии докторанти (PhD) таҳқиқ шудаанд.

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 6D074401 – Сохтмони гидротехникӣ ва ба самтҳои афзалиятноки илм дар ҷумҳурӣ**

Муҳтавои кори диссертатсионӣ ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 6D074401 – Сохтмони гидротехникӣ мутобиқат мекунад:

- банди 3 «Таҳияи самтҳои нави пешгӯии ҳолати шиддатнокӣ-деформатсионии иншооти гидротехникии фишордор ва бефишор»;
- банди 7 «Баланд бардоштани эътимоднокӣ ва устувории қисмҳои сарпӯш, транзитӣ ва охири иншооти гидротехникии гуногуни қубурҳо»;
- банди 11 «Эътимоднокии истифодаи иншооти гидротехникӣ, таҳияи меъёрҳои нави бехатарии онҳо, системаҳои нави мониторинг ва мониторинги иншоот, такмил додани усулҳои ташхиси техникӣ ва мониторинги системаҳо ва объектҳои обӣ».

**Инъикоси мукаммали муҳтавои кори диссертатсионӣ дар таълифоти нашршудаи довталаб**

Муҳтавои асосӣ, натиҷаҳои илмӣ ва хулосаҳои диссертатсионӣ дар таълифоти илмии довталаб ба таври пурра ва муназзам инъикос ёфтаанд. Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва эътирофнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашршуда масъалаҳои калидии таҳқиқотро дар бар мегиранд, аз ҷумла арзёбии хосиятҳои физикию механикӣ (чандирӣ, мустаҳкамӣ ва шаклдигаркунӣ)-и массивҳои атроф бо усулҳои сейсмоакустикӣ ва рӯйпӯшҳои оҳану бетонӣ тавассути мақтаъсозии ултрасадоӣ аз рӯйи рӯйпӯши бетонӣ пас аз истифодабарии тӯлонӣ, муайян намудани хосиятҳои минтақаҳои заиф ва камшудаи (минтақаҳои ноустувор)-и массивҳои атроф бо истифода аз усули томографияи сейсмикӣ, таҳияи усул барои муайян кардани суръати ҷараёни об ва тағйирёбии реҷаи гидравликӣ дар нақбҳои баландфишор, кор карда баромадани системаи назорати дарбии реҷаи гидравликӣ дар нақбҳои гидротехникӣ ва системаи худкори ченкунӣ барои идоракунии силсилавӣ дар тамоми тӯлнокӣ.

Дар мақолаҳои [1–М], [3–М] ҳолати корӣ ва қитъаҳои зарардидаи нақби обёрии Данғара зимни гузаронидани ташхис муайян карда, чорабиниҳои таъмирӣ пешбинӣ карда шудааст. Корҳои [4–М] , [6–М] ба усулҳои физикаи гармо ва технологияи мониторинги тағйирёбии реҷаи гидравликӣ дар нақбҳои гидротехникӣ, [8–М], [9–М] ба таҳқиқи хусусиятҳои физикию механикии массивҳои сангии нақбҳои гидротехникӣ пас аз реҷаи тӯлонии истифодабарӣ бахшида шудаанд, ки мазмуни бевоситаи диссертатсияро инъикос менамоянд.

Маводи дар конференсияҳои илмӣ ба нашр расида ҷанбаҳои алоҳидаи таҳқиқотро инъикос намуда, натиҷаҳои фосилавӣ ва хулосаҳои амалии корро муаррифӣ мекунанд.

Ҳамин тариқ, маҷмӯи интишороти довталаб фарогири ҳамаи бахшҳои асосии кори диссертатсионӣ буда, мутобиқати пурраи муҳтавои

диссертатсияро бо натиҷаҳои илмии дар нашрияҳои чопшуда пешниҳодгардида тасдиқ менамояд.

**Иҷрои талабот нисбат ба нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия**

Муҳтавои асосии диссертатсия дар шакли 22 мавод интишор шудааст, аз ҷумла: 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва эътирофнамудаи КОА-и назди Президенти ҶТ; 7 мақола дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ; муаллиф дорои 2 нахустпатенти ҶТ, 1 патенти Авруосиёгӣ ва 3 дастури таълимиву методӣ мебошад.

Банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Замимаи 2 ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) аз ҷониби довталаб пурра иҷро гардидааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ**

Эътимоднокии натиҷаҳои ба дастовардашуда вобаста ба истифодаи усулҳои таҳқиқи геофизикӣ, теплофизикӣ ва таҳлили математикӣ тасдиқ мегарданд. Дар ҷараёни гузаронидани таҷрибаҳои геофизикии саҳроӣ дар нақбҳои сохтмонии НС-1 ва НС-2-и НБО-и Роғун, натиҷаҳои бадастомада аз ҷиҳати миқдорӣ ва сифатӣ ба маълумоти таҷрибавии таҳқиқоти геофизикии саҳроии қаблан анҷомёфтаи комплекси зеризаминии НБО-и Роғун мувофиқат мекунанд. Корҳои геофизикии саҳроӣ бо дастгоҳи сертификатсияшудаи ЛАККОЛИТ 24М анҷом дода шуданд.

**Масъалаи қабул кардан ё накардани диссертатсия ба шуро**

Кори диссертатсияи Тоирзода Суҳроб Тоир дар мавзуи «Арзёбии хосиятҳои физикию механикии массивҳои атрофи нақбҳои гидротехникии истифодашавандаи баландфишор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руйи ихтисоси 6D074400 – Сохтмони гидротехникӣ ва иншоот (6D074401 – Сохтмони гидротехникӣ) барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-059 назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ тавсия карда шавад.

**Пешниҳоди муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар**

Муҳаққиқон зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 6D074400 – Сохтмони гидротехникӣ ва иншоот (6D074401 – Сохтмони гидротехникӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- **Саидзода Ҷамшед Ҳамро –** доктори илмҳои техникӣ, дотсент, и.в. профессори кафедраи “Масолеҳҳо, технология ва ташкили сохтмон”-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ;
- **Зувайдов Маҳмадулло Маҳмасолиевич –** номзади илмҳои техникӣ, мудири кафедри “Сохтмон”-и Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав”.

Ба сифати муассисаи пешбар – **Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон** пешниҳод карда мешавад.

**Иҷозати эълони ҳимоя**

Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

**Асолати матни диссертатсия 82,51% (маълумотномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.05.2025) ва автореферати он 93,67% (маълумотномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.06.2025)-ро ташкил медиҳад.**

**Нашр ва паҳн намудани автореферати диссертатсия**

Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис дар ҳаҷми 100 адад ва исрол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Тоирзода Суҳроб Тоир дар мавзуи «Арзёбии хосиятҳои физикию механикии массивҳои атрофи нақбҳои гидротехникии истифодашавандаи баландфишор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D074400 – Сохтмони гидротехникӣ ва иншоот (6D074401 – Сохтмони гидротехникӣ) баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаи илмӣ

**<u>ҚАРОР КАРД:</u>**

1. Диссертатсияи Тоирзода Суҳроб Тоир дар мавзуи «Арзёбии хосиятҳои физикию механикии массивҳои атрофи нақбҳои гидротехникии истифодашавандаи баландфишор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D074400 – Сохтмони гидротехникӣ ва иншоот (6D074401 – Сохтмони гидротехникӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6D074400 – Сохтмони гидротехникӣ ва иншоот (6D074401 – Сохтмони гидротехникӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- **Саидзода Ҷамшед Ҳамро –** доктори илмҳои техникӣ, дотсент, и.в. профессори кафедраи “Масолеҳҳо, технология ва ташкили сохтмон”-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ;
- **Зувайдов Маҳмадулло Маҳмасолиевич –** номзади илмҳои техникӣ, мудири кафедри “Сохтмон”-и Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав”.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар - Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон** тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи

АМИТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои техникӣ Ҳасанзода Н.М.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои техникӣ Сафаров М.М.

номзади илмҳои техникӣ Яқубов А.О.

«23» 02 соли 2026